ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН

*То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,*
*Кас набуд аз роҳи дониш бениёз*

# Фановар

FANOVAR

Нашрияи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон — 23 майи соли 2023 — № 10-11 (179-180)

## ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР БОРАИ ҶАВОНОН

Ҷавонони мо ҳамчун оияндаи давлату миллат, қувваи пешбарандаи ҷомеа ва захираи стратегии давлату Ҳукумати мамлакат дорои ҳисси баланди миллӣ ва эҳсоси гарми ватандӯстиву ватанпарварӣ мебошанд.

***

Ҷавонони мо бояд ба масъалаҳои омӯхтани таърихи пурғановати миллати тоҷик, осори гаронбаҳои гузаштагони халқамон, пос доштани забони давлатӣ, боз ҳам баланд бардоштани сатҳи маърифатнокӣ, арҷ гузоштан ба рамзҳои давлатӣ ва арзишҳои милливу фарҳангӣ, рушди қобилияти эҷодӣ ва густариши эҳсоси худогоҳиву худшиносӣ эътибори аввалиндараҷа зоҳир намоянд ва дар ин самтҳо ташаббускор бошанд.

***

Мо умед дорем, ки ҷавонони мо ҳамчун табақаи аз ҳама фаъоли ҷомеа минбаъд низ ташаббусҳои созандаро амалӣ менамоянд, дастовардҳои истиқлоли давлатӣ – сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллиро ҳифз мекунанд ва дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоии давлатамон боз ҳам фаъолона ширкат меварзанд.

***

Шумо, ҷавонони азиз, бояд ҳамеша дар ҷустуҷӯи илму донишҳои муосир бошед, касбу ҳунарҳои замонавиро аз худ кунед, ба Ватан, миллат ва давлати соҳибистиқлоли хеш содиқ бошед, сарзамини аҷдодиро самимона дӯст доред, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллиро ҳимоя кунед, нангу номус ва ҳисси баланди миллии худро ҳифз намоед, эҳтироми падару модар ва пирону калонсолонро ба ҷо оваред.

***

Шумо, фарзандони азиз, ҳеҷ гоҳ виҷдону имони худро нафурӯшед, ба Ватани маҳбубамон, миллати бостониамон ва давлати соҳибихтиёрамон ҳаргиз хиёнат накунед. Фаромӯш накунед, ки мардум хиёнат ва хиёнаткорро ба ҳеҷ ваҷҳ намебахшанд.

## АЗ РӮЗИ ҒАЛАБА БАР ФАШИЗМ 78-СОЛ СИПАРӢ ШУД

**Агар пурсанд аз ман: "Чист аз ҷону бадан беҳтар?",**
**Ватан беҳтар, Ватан беҳтар, Ватан беҳтар, Ватан беҳтар!**



8- уми майи соли 2023 дар толори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон маҷлиси тантанавӣ ва барномаи фарҳангӣ бахшида ба 78 – умин солгарди Рӯзи Ғалаба бар фашизми Олмон баргузор гардид. Дар чорабинӣ раёсат, омӯзгорону кормандон ва донишҷӯёни донишгоҳ иштирок намуданд.

Нахуст сухани табрикотии ректори донишгоҳро муовини ректор оид ба равобити хориҷӣ Бобоев Хайёл Бобоевич ба ҳозирин қироат намуд. Ӯ аз ҷумла иброз дошт, ки Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ, ки имрӯзҳо 78-умин солгарди он ботантана қайд карда мешавад, бар ивази ҷони супурдаи 27 миллион шаҳидони роҳи озодӣ ба даст омадааст.

Дар набардҳои Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945 беш аз 300 ҳазор фарзандони Тоҷикистон иштирок намуданд, ки 58 ҳазори онҳо сазовори ордену медалҳои давлатӣ ва 54 нафар унвони аз ҳама баланд- Қаҳрамони Иттиҳоди Шуравиро соҳиб гардиданд. 21 нафари дигар барои ҷасорату корнамоиҳои бемисл бо се дараҷаи Ордени Шараф сазовор гардиданд. Мутаассифона,



қариб 100 ҳазор нафар фиристодагони Тоҷикистон дар муҳорибаҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҳалок гардиданд.

Аз ин рӯ, мо дар назди рӯҳи шаҳидони роҳи озодии Ватан, дар назди қаҳрамониҳои бобоёну падарон сари таъзим фуруд меорем. Хотираи онҳоеро, ки бо гузашти солҳо бо зиндагӣ падруд гуфтаанд, пос медорем. Эҳтироми собиқадорони ҷанг ва оилаҳои шаҳидони ҷангро ҳамеша ба ҷо меорем. Қайд гардид, ки тибқи иттилои Шурои собиқадорони кишвар, дар соли 2020 дар Тоҷикистон 168 собиқадор, соли 2021 –ум 98 нафар буда, соли 2022 ин шумора ба 59 нафар коҳиш ёфтааст. Имрӯз дар Тоҷикистони соҳибистиқлол 37 нафар собиқадори Ҷанги Бузурги Ватанӣ умр ба сар мебаранд, ки корнамоиҳои ҷангию меҳнатии онҳо барои насли имрӯзу фардои Ватани маҳбубамон намунаи ибрат мебошанд.

Дар қисми фарҳангии чорабинӣ ансамбли "Зуҳал"-и донишгоҳ ва хонандагони литсейи инноватсионии "Душанбе" барномаи рангинеро, ки аз суруду таронаҳои ватандӯстонаю ифтихори ватандорӣ ва садоқат ба Ватан иборат буданд, манзури аҳли толор гардониданд.

**М. ЭШОНОВ,**
**мудири шуъбаи кор бо ҷавонон ва варзиши ДТТ**

## ИҚТИБОСҲО

### АЗ ПАЁМИ ШОДБОШИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ИФТИХОРИ 78-УМИН СОЛГАРДИ ҒАЛАБА БАР ФАШИЗМ

Ҷанги дуюми ҷаҳон барои сокинони сайёра, аз ҷумла мардуми Тоҷикистон яке аз давраҳои фоҷиабортарини асри гузашта ба ҳисоб меравад.

Дар он давраҳои сангину душвор зиёда аз 300 ҳазор нафар фарзандони мардуми табиатан ватандӯст ва қавииродаи тоҷик, яъне 20 фоизи аҳолии Тоҷикистон, ки дар он рӯзҳо ҳамагӣ якуним миллион нафар буд, ба ҷанг сафарбар гардида, аз ин шумора қариб 100 ҳазор нафари онҳо дар муҳорибаҳои хунин ҷони худро аз даст доданд.

***

Дар баробари ҷанговарон, ки дар майдони ҷанг бар зидди фашизм қарор доштанд, ҳар як сокини Тоҷикистон – калонсолон ва занону наврасон дар ақибгоҳ шабонарӯз заҳмат мекашиданд ва дар таъмини ҷанг эътибори ҷиддӣ зоҳир карда, ин иқдомро то имрӯз идома дода истодааст.

***

Ҳукумати Тоҷикистон аз оғози даврони соҳибистиқлолӣ ба масъалаи ғамхорӣ дар ҳаққи собиқадорони ҷанг, маъюбон ва оилаҳои иштирокчиёни ҷанг эътибори ҷиддӣ зоҳир карда, ин иқдомро то имрӯз идома дода истодааст.

Оқибатҳои бисёр талху фоҷиабори Ҷанги дуюми ҷаҳон ба аҳли башар ҳамеша ҳушдор медиҳанд, ки пойдории сулҳу субот ва рӯзгори ороми осуда, ҳамкорӣ ва равобити созандаи халқу давлатҳо неъмати бебаҳои зиндагӣ барои ҳар як инсон мебошад.

***

Мардуми Тоҷикистон, ки дар тӯли асри гузашта бори дуюм ба давраи вазнину ҳалокатбор гирифтор гардида, дар натиҷаи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ beш-тар аз давраи Ҷанги дуюми ҷаҳон – зиёда аз 150 ҳазор нафар фарзандони худро аз даст доданд, оқибатҳои вазнини аъмоли харобиовари нерӯҳои экстремистиву террористӣ ва пайомадҳои фоҷиабори ин зуҳуроти нангинро ҳаргиз фаромӯш намекунанд.

Махз ба ҳамин хотир, мо ҳамеша ҷонибдори сулҳу оромӣ ва бо роҳҳои осоишта, яъне тавассути музокирот ва бо истифодаи василаҳои дипломатӣ ҳаллу фасл гардидани ҳама гуна мухолифату низоъҳо ҳастем.

***

Сабақҳои талхи Ҷанги дуюми ҷаҳон ва ҷанги таҳмилии шаҳрвандии солҳои навадуми асри гузашта ҳар яки моро ҳушдор медиҳанд, ки барои ҳифзи сулҳи пойдор, суботу оромӣ ва зиндагии осудаи шаҳрвандони мамлакат ҳамеша ҳушёру омода бошем.

***

Мо бояд таҷрибаи зиндагӣ ва роҳи пурифтихори тайкардаи падаронро омӯзем, идома бахшем, ба наврасону ҷавонон аҳаммияти сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллиро фаҳмонем, онҳоро дар рӯҳияи ватандӯстиву ватанпарастӣ ва ҳисси баланди миллӣ тарбия намоем, иқтидори мудофиавии Ватани азизамонро таҳким бахшем, ба хотири рушди иқтисодиву иҷтимоии давлатамон саъю талоши худро дареғ надорем ва нуфузу обрӯи Тоҷикистони соҳибихтиёрамонро боз ҳам баланд бардорем.

# ДУНЁ ПУР АЗ ҶАВОНИСТ

## ё худ як рӯзи ҷавонӣ дар донишгоҳ

**13- уми майи соли равон дар донишгоҳ тибқи нақшаи Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Моҳвораи ҷавонон тахти унвони “Як рӯзи ҷавонӣ дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон” гузаронида шуд, ки дар он дар баробари омӯзгорону донишҷӯён муовини раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Чоршанбезода Сураҷ Сайнак иштирок дошт.**





Муовини ректор оид ба тарбия Ситора Абдумуминзода ҷамъомадро ҳусни оғоз бахшида, доир ба иқдому ташаббусҳои ҷавонон, саҳми беназири онҳо дар пешрафт ва ободию шукуфоии Ватани маҳбубамон ибрози андеша намуд.

Сипас Чоршанбезода Сураҷ Сайнак ҳамагонро ба Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон табрику таҳният гуфта, аз хусуси саҳми ҷавонон дар рушди ҷомеа ва воқеан ҳам пайравони Пешвои миллат будани ҷавонон ибрози андеша карда, ба чанде аз омӯзгорон ва донишҷӯён тухфаҳои хотиравӣ супорид.

Барномаи консертии дар сатҳи баланд омоданамудаи ансамбли “ Зуҳал”-и донишгоҳ, ки хеле ҷолибу пурмазмун буд, хотири аҳли толорро болида гардонид.

Баъди анҷоми чорабинии фарҳангӣ меҳмонон аз дастовардҳои донишгоҳ дидан намуданд.

**Р. МАСЪУД**





# ҶАВОНОН - ТАКЯГОҲИ ХАЛҚУ МИЛЛАТ

Маврид ба зикр аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон баробари ба даст овардани Истиқлолият зарурати ногузирии ташаккул ва амалӣ намудани сиёсати давлатии ҷавононро ҳамчун ҳадафи ояндасози кишвар пазируфта, ҳамеша дастгирӣ менамояд. Аз ин хотир, мо ҷавонон, ки имрӯз дар фазои озоду осоиштаи кишвари азиз умр басар бурда истодаем бояд аз дастгириву ғамхориҳои ҳамешагии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон шукргузорӣ намуда, ба қадри Ватани азизу маҳбубамон бирасем ва хушёриву зиракии сиёсиро аз даст надода баҳри боз ҳам ободу зебо гардонидан ва пеш бурдани самтҳои афзалиятноки ҷомеа саҳмгузор бошем.

Имрӯзҳо ҷавонон ва забономӯзӣ ва омӯзиши илмҳои дақиқ бояд таваҷҷуҳи хоса зоҳир намоянд, зеро ба талаботи замон ҳамоҳанг сохтани илму дониш ва кору фаъолият аз омилҳои зикргардида вабастагии калон дорад. Дар такя ба ин гуфтаҳо меҳоҳам қайд намоям, ки дар ду се соли охир аз ҷониби Сарвари давлат миёни тамоми қишрҳои ҷомеа гузаронидани якчанд озмунҳои ҷумҳуриявӣ, ба монанди “Фурӯғи субҳи донои китоб аст”, “Илм фурӯғи маърифат”, “Тоҷикон – оинаи таърихи миллат” - ро бахри баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии ҷомеа ва ба ҷавонон фароҳам сохтани имтиёзҳои васеъ ҷиҳати соҳибмаълумоту соҳибкасб гаштани онҳо ба роҳ мондаанд.



Ба ҳар яки мо маълум аст, ки имрӯз бе донистани илми технологияҳои иттилоотӣ ва фанҳои дақиқ пеш бурдани кори корхонаву идораҳо мушкил аст ва амри Сарвари давлат ҷиҳати солҳои 2020 -2040 “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” бо мақсади омӯзиши илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, инчунин, барои тавсеаи тафаккури техникии насли наврас сарнвақтӣ буда, барои ҷавонон ва донишҷӯён роҳҳои соддаву осони азхудкунии илмҳои риёзиро фароҳам меоварад.

Ҷавонон ояндасоз ва такягоҳи ҳар як халқияту миллат мебошанд, ва пойдории мамлакатҳо низ аз насли навраси бохирад, бомаърифат ватандӯсту меҳанпараст ва хушёру зирак вобастаии калон дорад.

**М. ҲАЙДАРОВА,**
**корманди китобхонаи илмии ДТТ**

# ТАШАББУСИ САРИВАҚТИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ОИД БА ҲИФЗИ ПИРЯХҲО ВА АҲАМИЯТИ ОН БА ИҚЛИМИ ТОҶИКИСТОН







**Тағйирёбии босуръати иқлим ва афзоиши аҳолии сайёра дар назди инсоният масъалаҳои наверо гузошта истодааст, ки ҳалли оқилонаи онҳо боиси паст шудани шиддати таъсири тағйирёбии иқлим ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ мегардад.**

**Эмомалӣ Раҳмон**

Тағйирёбии иқлим ва рафъи оқибатҳои он яке аз мушкилоти ҷиддии замони муосир ба ҳисоб меравад. Таъсири манфии ин падидаи глобалӣ ба миқдор ва сифати захираҳои оби тоза низ торафт аён мегардад.

Маврид ба ёдоварист, ки дар замони муосир тағйирёбии иқлим дар ҷаҳон ба муҳити зист ва фаъолияти инсон ва табиат ба дараҷае таъсир расонидааст, ки ин устувории биосфераро зери таъсири ҷиддӣ қарор додааст. Дар натиҷаи тадқиқотҳо ва равандҳои илмӣ, муҳаққиқон ва коршиносони соҳа, гармшавии глобалӣ ва тағйирёбии иқлимро дар бо суръат зиёд шудани аҳолӣ, аз байн рафтани захираҳои баркароршавандаи табиӣ, ихроҷи газҳои гулхонӣ, нобудсозии ҷангалзорҳо (буридани дарахтҳо) ва ифлосшавии муҳити атроф аз партовҳои гуногун медонанд. Аз ин лиҳоз, тағйирёбии иқлими сайёра сол то сол афзуда, дар сатҳи Замин гармшавии глобалӣ мушоҳида мегардад, ки таъсири он ба обшавӣ ва аз байн рафтани захираи пиряхҳо ва ба амал омадани офатҳои табиӣ, аз қабили:

- кам ва ифлос шудани обҳои нӯшокӣ;
- аз байн рафтани бештари дарёҳои хурд;
- хушксолӣ;
- селфарои (обхезӣ);
- пайдо шудани кӯлҳои пиряхии рахнашаванда;
- аз байн бурдани заминҳои киштзор;

ва ғайраҳо оварда мерасонад, ки зарари он бевосита ба минтақаҳои аҳолинишин таъсир мерасонад, ки ин ба иқтисодиёти хоҷагии халқ таъсири ҷиддӣ меорад. Бо дар назардошти гуфтаҳои боло олимону муҳаққиқони соҳаро лозим аст, ки дар тамоми фасли сол, омилҳои пешгирӣ ва роҳҳои бартараф намудани офатҳои табииро дар раванди тағйироти иқлим муайян намуда, барои корбарӣ онҳоро мавриди омӯзиш қарор диҳанд.

Дар шароити тағйирёбии иқлим масъалаи ҳифзи манбаъҳо ва захираҳои оби тозаи ошомиданӣ ба яке аз мушкилоти асосии мардуми сайёра табдил ёфтааст.

Кишвари мо дар ин самт ҳамчун кишвари ташаббускор ва пешсаф дар миқёси ҷаҳонӣ, алалхусус дар чаҳорчӯбаи Созмони Милали Муттаҳид эътироф гардидааст.

Тавре ки маълум аст, тағйирёбии иқлим ба саломатии одамон, муҳити зист, кишоварзӣ, инфраструктураи нақлиёт ва дигар соҳаҳои рушди устувор дар сатҳи ҷоҳонӣ таъсири манфӣ мерасонад. Вале таъсири он ба захираҳои об аз ҳама бештар аст. Ин масъала хусусан дар Осиёи Марказӣ, ки об дар он на танҳо асоси рушди иҷтимоиву иқтисодӣ, балки омили муҳимтарини таъмини амнияти миллӣ ва минтақавӣ мебошад, пуршиддат гардидааст. Натиҷаҳои баъзе таҳқиқот нишон медиҳанд, ки аз соли 1956 то соли 1990 захираи пиряхҳои Осиёи Марказӣ беш аз 3 маротиба кам шудааст ва ҳар сол майдон ва ҳаҷми яххо ба ҳисоби миёна мутаносибан 0,6-0,8 фоиз ва 0,1 фоиз коҳиш меёбанд. Мувофиқи ҳисобҳои камтарин, пиряхҳои Тоҷикистон, ки манбаи асосии дарёҳои минтақаи Осиёи Марказӣ мебошанд, дар асри XX зиёда аз сеяки ҳаҷми худро гум кардаанд. Дар мавриди идома ёфтани тамоюли мавҷуда дар Тоҷикистон шояд ҳазорон пиряхҳо нобуд шаванд .

Бо дарназардошти аҳамияти муҳимми иҷтимоиву иқтисодии захираҳои об зарур аст, ки доир ба ниғоҳ доштани пиряхҳо ва захираҳои барф дар минтақа, анҷом додани корҳои муштараки илмиву таҳқиқотӣ, ташкили назорат аз болои таъсири тағйирёбии иқлим ба пиряхҳо ва огоҳкунии ҷомеаи ҷаҳонӣ аз ин равандҳо тадбирҳои фаврӣ андешида шаванд. Хушкшавии вокеии бахри Аралро таъкид намуда, мо набояд ба нобуд гардидани пиряхҳо, ки манбаи асосии ҳаёт дар Осиёи Марказӣ мебошанд, роҳ диҳем.

**Ҳалли проблема дар сатҳи ҷаҳонӣ.** Тазаккур бояд дод, ки ҷиҳати ҳалли масъалаи мазкур тамоми мутахассисони соҳаро мебояд, ки ҳамкориҳои муштаракро дар сатҳи ҷаҳонӣ ба роҳ монда, оид ба таъсири тағйирёбии иқлим ва табиат ва гармшавии глобалӣ чораандешӣ намоянд.

Чи гунае ба мо маълум аст, яке аз проблемаҳое, ки ба суръат бахшидани гармшавӣ оварда мерасонад, ин партовҳои газҳои гулхонӣ ва дигар намуди партовҳо мебошанд. Барои кам кардани партовҳо ба фазо бар ивази сӯзишворӣ, ки манбаи асосии олудашавии ҳаво мебошанд, истифода бурдани манбаъҳои барқароршавандаи энергия афзалият дорад. Дар ин бобат, пеш аз ҳама, мавриди истифода қарор додани захираҳои гидроэнергетикӣ, ки дар минтақа ниҳоят фаровонанд, муносиб мебошад. Гидроэнергетика ғайр аз ин, ки манбаи таъминоти қувваи барқи аз ҷиҳати экологӣ тоза ва арзон ба ҳисоб меравад, ҳамчунин аз нуқтаи назари истифодаи устувори захираҳои табиӣ дар ояндаи дур, ки захираҳои нафту газ дар натиҷаи истифодаи пайвастаи баъзе кишварҳои минтақа барои истехсоли қувваи барқ ба охир хоҳанд расид, муҳим мебошад.

Обанборҳои нерӯгоҳҳо танзими боэътимоди бисёрсола ва мавсимии ҷараёни обро, ки барои обёрӣ намудани заминҳо хеле зарур аст ва барои пешгирӣ намудани офатҳои марбут ба об, чун обхезӣ, сел ва кам кардани таъсири хушксолӣ мусоидат мекунад, таъмин менамоянд.

Дар шароити тағйирёбии иқлим истифодаи самарабахши замин ва захираҳои об бо ҳадди ақалли таъсири антропогенӣ муҳим мебошад.

Ба ҳама маълум аст, ки бинобар самарабахш истифода набурдани захираҳои обу замин минтақаи Осиёи Марказӣ дар нимаи дуюми асри XX ба фоҷиаи бузурги экологӣ – хушкшавии бахри Арал дучор гардид, ки оқибати он талафоти бузурги экологӣ ва иҷтимоиву иқтисодиро ба миён овард. Сабаби асосии ин фоҷиа дар аз худкунии саросарии замин мебошад. Агар дар ибтидои қарни гузашта дар минтақа 3 миллион гектар замини корами обӣ вуҷуд дошта бошад, пас дар охири асри XX ин рақам ба 9 миллион гектар расид. Аз ин рӯ, имрӯз дар шароити шиддат ёфтани камбуди об дар минтақа зарур аст, ки ба тахия ва ҷорӣ кардани низоми нави обёрӣ, баланд бардоштани самаранокии иншооти обрасонӣ ва ба вазъи мавҷуда мутобиқ ва муносиб гардонидани навъҳои зироатҳои кишоварзӣ, яъне аз кишти зироатҳои обталаб гузаштан ба кишти зироатҳои ба хушкӣ тобовар таваҷҷӯҳи бештар зоҳир карда шавад.

Барои Тоҷикистон татбиқи чораҳои амалӣ дар робита ба ҳифзи экосистемаи кӯҳӣ, аз ҷумла дар самти пешгирӣ аз таназзули захираҳои обӣ (дарёҳо, кӯлҳо, захираи барф ва пиряхҳо) ва табиӣ ниҳоят муҳим мебошад.

**Ташаббусҳои Тоҷикистон дар самти тағйирёбии иқлим.** Тайи даҳсолаҳои охир, коҳиш ёфтани ҳаҷми пиряхҳо дар мавзеи сароби дарёҳои асосӣ, ки бар асари тағйирёбии глобалии иқлим ба вуқӯъ пайвастааст, дар минтақаи мо боиси нигаронии ҷиддӣ мегардад. Тибқи иттилооти расонаҳои мухталиф, дар ин муддат, масоҳати пиряхҳои Тоҷикистон қариб 35 фисад кам шудааст. Бо дарназардошти фоҷиаи воқеии баҳри Арал мо набояд ба нобудшавии пиряхҳо, ки манбаи асосии ҳаёт дар Осиёи Марказӣ мебошанд, роҳ диҳем.

Дар асоси ин, бори аввал бо ташаббус ва пешниҳоди Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон моҳи декабри соли 2009 дар конфронси тағйирёбии иқлим, ки дар Копенгаген баргузор гардида буд, таъсиси Фонди байналмилалии ҳифзи пиряхҳо роҳандозӣ гардид. Ҳамзамон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон моҳи ноябри соли 2019 низ дар конфронс оид ба тағйирёбии иқлим дар шаҳри Париж (Фаронса) бо дар назардошти ҳолати ногуворииi пиряхҳои Тоҷикистон дар зери таъсири тағйирёбии иқлим, ҷиҳати таъсиси чунин фонди махсус даъват ба амал оварданд.

Инчунин, бояд ёдовар шуд, ки дар доираи ҷаласаи Созмони ҳамкории Шанхай моҳи марти соли 2021 масъалаи таъсиси Фонди байналмилалии ҳифзи пиряхҳо ҳамчун яке аз масъалаҳои афзалиятнок, ки диққати ҷиддиро талаб мекунад, ба рӯзномаи ҷаласаи ин Созмон ворид шуда буд. Дар доираи ин масъала Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намуданд, ки обшавии босуръати пиряхҳо дар баробари зиёдшавии истеъмоли об, ки аз афзоиши аҳолӣ ва рушди иқтисодӣ вобастагӣ дорад, метавонад ба оқибатҳои манфӣ оварда расонад. Бо назардошти ин, Президенти кишвар пешниҳод намуданд, ки ҷиҳати тамаркуз кардан ба масъалаи мазкур дар сатҳи байналмилалӣ, соли 2025 ҳамчун Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо ва Рӯзи байналмилалии ҳифзи пиряхҳо муайян гардида, Бунёди махсуси байналмилалии ҳифзи пиряхҳо таъсис дода шавад.

14 – уми декабри соли 2022 Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид зимни иҷлосияи 77-уми худ қатъномаи “2025 соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо” - ро, ки аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбарӣ шуда буд, бо иттифоқи оро қабул кард. Он яке аз қатъномаҳои нодир ба ҳисоб меравад, зеро дар он ҳам эълони Рӯзи байналмилалӣ ва ҳам Соли байналмилалӣ дарҷ гардидааст. Иқдоми навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон бо пуштибонии 153 кишвари узви СММ пазируфта шуд.

Боиси ифтихор аст, ки дар асоси ин қатънома, пешниҳодҳои ироашудаи Президенти кишвар аз ҷониби кишварҳои узви СММ дастгирӣ ёфтанд, аз ҷумла:

- Эълон гардидани 21 март ҳамчун Рӯзи байналмилалии ҳифзи пиряхҳо;
- Эълон шудани соли 2025 ҳамчун Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо;
- Дар назди СММ таъсис додани Фонди боварии байналмилалӣ барои саҳмгузорӣ ба ҳифзи пиряхҳо;
- Дар соли 2025 доир намудани Конфронси байналмилалӣ оид ба ҳифзи пиряхҳо дар шаҳри Душанбе.

Қатъномаи номбурда аҳаммияти пиряхҳоро ҳамчун ҷузъи таркибии дави гирдгардиши гидрологӣ дар табиат, ки обшавии босуръати онҳо таъсири ҷиддии ба иқлим, муҳити зист, саломатии инсон, соҳаи энергетика ва рушди устувор мерасонад, дар бар мегирад. Дар ин хусус, барои олимони соҳа ҷиҳати таҳқиқоти амиқу дақиқи бештар дар ин самт шароит фароҳам меорад.

Инчунин дар ин санад таъкид шудааст, ки таъсири гармшавии глобалӣ боиси коҳиши густурдаи криосфераи сайёра шудааст, ки дар натиҷа сатҳи оби укёнусҳо баланд ва устуворӣ дар минтақаҳои баландкӯҳҳо кам шуда, миқдору мавсими маҷрои об ва захираҳои обро дар ҳавзаҳои дарёҳои барфу пиряхӣ тағйир додааст. Ин омил ба паст шудани маҳсулоти маҳаллии кишоварзӣ, афзоиш ёфтани норасоии об оварда мерасонад.

Маҳз, ташаббуси Пешвои миллат талаб менамояд, ки мутахассисони соҳа бештар ба ин мавзуъ таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, фаъолияти таҳқиқотии худро боз ҳам ҷиддитару хубтар ба роҳ монанд.

Аз ин рӯ, ташаббуси Пешвои миллатро дар иқлими сайёра бамаврид ва сариваҳтӣ арзёбӣ намудан ба мақсад мувофиқ аст, зеро маҳз дар ҳошияи ин иқдомҳо умед дорем, чораҳои зарурӣ ҷиҳати беҳтар кардани сатҳи зиндагии аҳолӣ, дастрасӣ ба оби ошомидании тоза ва рушди иқтисодӣ андешида мешавад. Аз ин рӯ, захираҳои об нақши муҳим доранд, ки мутаассифона, имрӯзҳо зери таъсири шадиди тағйирёбии иқлим қарор гирифтаанд.

Мо умедворем, ки иқдомҳои пай дар пайи Президенти Тоҷикистон ва Ҳукумати мамлакат дар ҳалли ин масъалаи глобалӣ, ки ҷомеаи ҷаҳониро ба ташвишу изтироб овардааст, нақши бориз мегузорад.

**Н. ҚУРБОНОВ,**
**Т. ҶӮРАБЕКОВ.**

# ЗАН ВА МАВҚЕИ ОН ДАР ҶОМЕАИ МУОСИР

Занон неруи созанда ва фаъоли ҷомеаи навини Тоҷикистон ба шумор рафта, дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятиву иқтисодӣ, сиёсиву мадании кишвар кору фаъолияти пурсамар доранд. Дар замони соҳибистиқлолӣ як қатор стратегияву барномаҳои давлатӣ дар ин самт амалӣ гардида, барои фаъолияти занон имкониятҳои васеъ фароҳам оварда шуданд.

Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа» (соли 1999) аз аввалин ташаббусҳои беназири Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҳсуб меёбад.

Воқеан, Пешвои муаззами миллат ба занону модарон эҳтиром гузошта, дар суханрониҳояшон мунтазам таъкид менамоянд: «Занону модарони бонангу номуси мо ҳанӯз дар даврони ниҳоят мушкили оғози истиқлолият обрӯ ва шарафи мамлакатро ҳифз намуданд, ба хотири ҳифзи ҳуқуқи худ мисли гурдофаридхо ба қиём бромаданд, дар таҳкими давлат, сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ саҳми бисёр арзишманд гузоштанд».

Мавриди зикр аст, ки Тоҷикистон миёни кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) ягона давлатест, ки Сарвараш чунин фармонро ба тасдиқ расонидааст. Ин ҳуҷҷати муҳим ҳамчун замина барои таҳия, қабул ва ҷонибдории Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо», Кодекси оила ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила», қабули Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 августи соли 1997 «Дар бораи баъзе чораҳои беҳтар намудани тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон ва кори ҳуқуқӣ дар ҷумҳурӣ», «Барномаи давлатии самтҳои асосии сиёсати давлатӣ оид ба таъмини ҳуқуқу имкониятҳои баробари мардон ва занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2001-2010», «Барномаи давлатии тарбияи ватанпарастии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2006-2010», Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд барои солҳои 2007 – 2016 ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мусоидат намуд.

Коршиносон низ ба он назаранд, ки шуруъ аз ҳамон вақт таъмини ҳуқуқ ва имкониятҳои баробари мардон ва занон қисми таркибии сиёсати давлатӣ интихоб ва эътироф гашт, ки он дар «Барномаи давлатии самтҳои асосии сиёсати давлатӣ оид ба таъмини ҳуқуқу имкониятҳои баробари мардон ва занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2001-2010» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо» возеҳу равшан инъикос ёфтааст.

Тоҷикистон дар байни кишварҳои ИДМ яке аз аввалинҳо шуда, Конвенсияҳои байналхалқӣ «Дар бораи барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъизи занон» ва «Дар бораи ҳуқуқҳои сиёсии зан»-ро ба тасвиб расонд. Дар маҷмӯъ, дар солҳои соҳибистиқлолӣ ба хотири ҳифзи манфиатҳои ҳуқуқии занону духтарон беш аз 20 ҳуҷҷати муҳимми давлатӣ қабул шуда, Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2014 узви Комиссияи Созмони Милали Муттаҳид оид ба мақоми зан гардид.

Дар баробари ин, дар сатҳи қонунгузории алоҳида низ ҳифзи ҳуқуқи занон дар як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва санадҳои зерқонунӣ қабул шудаанд.

Дар “Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030” самтҳои асосии сиёсати давлатӣ оид ба фаъолгардонии нақши занон муайян гардида, он ба татбиқи принсипи баробарии ҳуқуқу озодиҳои мардону занон ва фароҳам овардани имкониятҳои баробар барои амалисозии он аз ҷониби занон, таъмини намояндагии баробари мардон ва занон дар соҳаҳои мухталифи фаъолият, пешгирӣ ва аз байн бурдани зӯроварӣ нисбати занон равона шудааст.

Имрӯз бонувон дар соҳаҳои маориф, тандурустӣ ва дигар бахшҳои иҷтимоӣ қисми зиёди кормандонро ташкил медиҳанд. Ҳоло аз шумораи умумии хизматчиёни давлатӣ 25 фоиз, аз ҷумла кадрҳои роҳбарикунанда қариб 20 фоизро бонувону занон ташкил медиҳанд. Инчунин, бонувону занон дар соҳаи маориф 73 фоиз, тандурустӣ 71, фарҳанг 47, бонкдорӣ 39, алоқа 25, аз ҷумла дар соҳаи хизматрасонии иттилоотӣ қариб 40 фоиз мебошанд.

Занону бонувон дар баробари фаъолият дар соҳаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла илму маориф, хизмати давлатӣ, кишоварзӣ ва саноат, инчунин дар соҳаҳои нақлиёт, энергетика, алоқа, сохтмону меъморӣ, бонкдорӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқу тартибот ва дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар низ софдилонаву содиқона заҳмат кашида истодаанд. Маҳз ба ҳамин хотир, баланд бардоштани мақоми иҷтимоии занон, аз ҷумла дар мақомоти роҳбарикунанда ҳамеша дар мадди назари Ҳукумати мамлакат қарор дорад.

Бинобар ин, саъю талош ба хотири ҳалли мушкилоти онҳо ва фароҳам овардани шароит барои илму донишомӯзӣ ва соҳиби касбу ҳунар гардидани духтарон вазифаи аввалиндараҷа мебошад. Дар даврони соҳибистиқлолӣ 11 500 нафар духтарон аз ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишварро бо квотаи президентӣ хатм кардаанд.

Зиёда аз 504 ҳазор духтарону бонувон муассисаҳои ҳамаи зинаҳои таҳсилоти касбиро хатм карда, соҳибкасб шудаанд. Аз ин ҳисоб 239 ҳазор нафари онҳо соҳиби маълумоти олӣ гардида, ҳоло боз 100 ҳазор нафар духтарон дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таҳсил карда истодаанд.

Дар ин радиф Ҳукумати мамлакат муваззаф гардид, ки барои рушди ҳунарҳои мардумӣ ба соҳибкорон ва ҳунармандон ҷудонамудани қарзҳои имтиёзнокро тавассути Фонди дастгирии соҳибкорӣ васеъ ба роҳ монад.

Инчунин Ҳукумати кишвар ба масъалаи шуғл ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ диққати махсус дода, дар ин самт якчанд барномаҳои давлатиро амалӣ намуда истодааст. Таъсиси грантҳои президентӣ ба густариши фаъолияти соҳибкории занону бонувон мусоидат намуда, онҳо дар баробари беҳтар сохтани шароити оилавии худ ҳоло ба рушди иқтисоди кишвар низ таъсири назаррас расонида истодаанд.

Дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон барои бонувон тамоми шароитҳои корӣ, маишӣ ва маданӣ фароҳам оварда шудааст. Бонувон дар тамоми чорабиниҳо ва корҳои ҷамъиятӣ дар баробари мардон фаъолона ширкат меварзанд.

Ҳукумати кишвар ҷалби бонувонро ба корҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ минбаъд низ густариш мебахшад, зеро онҳо дар ҷомеаи мо қувваи бузург мебошанд.

Оре, мақоми зан дар ҷомеа барои пешрафти он хеле муҳим аст. Зеро мақоми зан пеш аз ҳама, дар масъалаи тарбияи фарзанд, дарки зебоӣ, дарки муҳимтарин, ҳассостарин паҳлуҳои зиндагӣ хеле муҳим аст. Нахустин мураббӣ ва муаллими фарзанд зан-модар аст. Зан-модар миллат ва ҷомеаро тарбия менамояд. Сарлашкари номдор Наполеон гуфта буд: «Ҷомеае, ки ба қадри зан намерасад, оянда надорад»

Аз ин рӯ, бояд занон соҳибмаърифат бошанд, дорои донишу малакаи кофӣ, ҷаҳонбинии васеъ дошта бошанд, то битавонанд, ки миллатро тарбия бидиҳанду ба камол бирасонанд. Аз инҷост, ки нақши ӯ дар тарбия, нигоҳубин ва камолоти маънавию ҷисмонии ҳам фарзанд ва ҳам ҷомеа басо бузург мебошад.

Дар маҷмӯъ, дар даврони соҳибистиқлолӣ ба шарофати дастгирию ғамхориҳои Ҳукумати мамлакат заминаҳои ҳуқуқии маънавии дастгирии духтарону бонувон ҳамчун рукни муқаддасу арзишманд эътироф гардид ва ҳамаи дастгириҳо моро водор месозад, ки дар марҳилаи кунунии давлатсозию давлатдорӣ мавқеи фаъол ва устувори шаҳрвандӣ нишон дода, содиқона баҳри амалӣ намудани ҳадафҳои созандаи Ҳукумати ҷумҳурӣ саҳми босазои худро гузорем.

**Маҳина ШАРАФОВА,**
**унвонҷӯи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

# НАТИҶАГИРИИ ИМТИҲОНИ ДАВЛАТӢ АЗ МАҶМӮИ ФАНҲОИ ТАХАССУСӢ ДАР ДОНИШГОҲ





Дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон раванди имтиҳони давлатӣ аз маҷмӯи фанҳои тахассусӣ тибқи нақшаи тасдиқшудаи чараёни таълим, аз 15-ум то 20-уми майи соли 2023 гузаронида шуд.

Имтиҳони давлатӣ тибқи талаботҳои низомномаи намунавии имтиҳони давлатӣ ва ҳимояи рисолаи хатм баргузор гардида, дар маҷмӯъ аз 799 нафар донишҷӯ 783 нафари онҳо имтиҳонро бомуваффақият супориданд, ки дараҷаи азхудкунӣ 97,9%-ро ташкил намуд.

Натиҷаи имтиҳони давлатӣ нишон дод, ки аз 783 нафар донишҷӯ 660 нафарашон имтиҳонро бо баҳои хубу аъло ҷамъбаст намуданд.

Маврид ба зикр аст, ки нишондиҳандаи сатҳи сифат аз натиҷаи имтиҳони давлатӣ нисбат ба соли таҳсили гузашта 7,1% боло рафтааст. Яъне агар дар соли таҳсили 2021-2022 сатҳи сифати таҳсилоти имтиҳони давлатӣ аз маҷмӯи фанҳои тахассусӣ 75,5%-ро ташкил дода бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли таҳсили 2022-2023 ба 82,6% баробар гардид.

**Шокир МИРЗОЕВ,**
**мудири шуъбаи таълим**

# Ҳифзи пиряхҳо – омили пешгирии мушкилоти вобаста ба об

**Дар кишвари мо танҳо дар якчанд даҳсолаи охир беш аз як ҳазор пирях аз байн рафта, ҳаҷми умумии пиряххҳои кишвар ба андозаи тақрибан сеяк баробар кам гардидааст.**

**Эмомалӣ Раҳмон**



Воқеан пиряхҳо яке аз манбаъҳои асосии обӣ дар тамоми кишварҳо ба шумор мераванд. Барои бо об таъмин будани аҳолии тамоми кишварҳо, пирях неъмати асосӣ ҳисобида мешавад. 14 декабри соли 2022 Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид зимни иҷлосияи 77-уми худ қатъномаи “2025 соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо”-ро, ки аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбарӣ шуда буд, бо иттифоқи оро қабул кард. Он яке аз қатъномаҳои нодир ба ҳисоб меравад, зеро дар он ҳам эълони Рӯзи байналмилалӣ ва ҳам Соли байналмилалӣ дарҷ гардидааст. Иқдоми навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо пуштибонии 153 кишвари узви СММ пазируфта шуд.

Боиси ифтихор аст, ки дар асоси ин қатънома, пешниҳодҳои ироашудаи Президенти кишвар аз ҷониби кишварҳои узви СММ дастгирӣ ёфтанд, аз ҷумла:

- ✓ Эълон гардидани 21 март ҳамчун Рӯзи байналмилалии ҳифзи пиряхҳо;
- ✓ Эълон шудани соли 2025 ҳамчун Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо;
- ✓ Дар назди СММ таъсис додани Фонди боварии байналмилалӣ барои саҳмгузорӣ ба ҳифзи пиряхҳо;
- ✓ Дар соли 2025 доир намудани Конфронси байналмилалӣ оид ба ҳифзи пиряхҳо дар шаҳри Душанбе.

Барои дар сатҳи зарурӣ гузаронидани чунин чорабинии сатҳи баланд мутасаддиёни соҳа муваззаф карда шуданд.

Ҳолати бамиёномада талаб менамояд, ки барои мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим ва мудирияти захираҳои обӣ ва инчунин, ҳифзи пиряхҳо дар кишварҳои минтақа ва ҷаҳон, бояд чунин чорабиниҳои фаврӣ андешида шаванд:

– гузаронидани тадқиқот ва мониторинги пиряхҳо;

– маблағгузорӣ кардан барои тадқиқот ва мониторинги пиряхҳо;

– истифодабарии самараноки захираҳои обӣ;

– истифода бурдан аз технология ва техникаҳои инноватсионии обсарфакунанда дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт;

– гузаронидани семинарҳои омӯзишӣ бо мақсади баланд бардоштани сатҳи дониши обистеъмолкунандагон ва обистифодабарандагон;

– дар амал татбиқ ва маблағгузорӣ намудани ҳама гуна чорабиниҳое, ки барои истифодаи оқилона ва самараноки об, ҳифзи пиряхҳо ва захираҳои обӣ дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёти кишвар, минтақа ва ҷаҳон равона карда шудаанд.

Тағйирёбии иқлим ва рафъи оқибатҳои он яке аз мушкилоти ҷиддии замони муосир ба ҳисоб мераванд. Таъсири манфии ин падидаи глобалӣ ба миқдор ва сифати захираҳои оби тоза низ торафт аён мегардад.

Дар Тоҷикистон дар даҳсолаҳои охир коҳиши чашмраси масоҳати пиряхҳо, ки барои тамоми Осиёи Марказӣ муҳиманд, ба мушоҳида мерасад. Тибқи мушоҳидаҳо, дар давоми 70 соли охир тақрибан 35%-и пиряххҳои хурдҳаҷми Тоҷикистон талаф ёфтаанд. Аз 13 ҳазор пиряхе, ки дар кӯҳсори Тоҷикистон ҷойгиранд, то имрӯз беш аз 1000 тоаш нобуд гардидааст.

Ва ин дар ҳолест, ки 60 фоизи захираҳои оби Осиёи Марказӣ дар ҳудуди Тоҷикистон ташаккул меёбад.

Пажуҳишҳо нишон медиҳанд, ки фақат дар тӯли 70-80 соли охир пиряхи Федченко зиёда аз як километр ақиб рафта, майдони он то 44 километри мураббаъ кам шуда истодааст. Зиёда аз ин, ҳаҷми он 15 километри мукааб ихтисор гардида, суръати миёнаи ақибравии нӯги пирях дар як сол 16 метрро ташкил медиҳад.

Пиряхҳо манбаи асосии оби тоза маҳсуб мешаванд ва обшавии босуръати онҳо дар баробари афзоиши талабот ба об вобаста ба афзоиши аҳолӣ ва рушди иқтисодӣ метавонад боиси оқибатҳои хеле манфӣ гардад.

Дар шароити тағйирёбии иқлим масъалаи ҳифзи манбаъҳо ва захираҳои оби тозаи ошомиданӣ ба яке аз мушкилоти асосии мардуми сайёра табдил ёфтааст.

Кишвари мо дар ин самт ҳамчун кишвари ташаббускор ва пешсаф дар миқёси ҷаҳонӣ, алалхусус дар чаҳорчӯбаи Созмони Милали Муттаҳид эътироф гардидааст. Тоҷикистон аз рӯи партовҳои қиёсии duoксиди карбон (CO2) дар ҷаҳон ҷойи 135-умро ишғол менамояд.

Ҳаҷми партовҳои газҳои парникӣ (гулхонавӣ) дар кишвари мо соле то як тонна ба сари ҳар як нафари аҳолӣ рост меояд ва ҳиссаи кишвар дар минтақа камтар аз се фоизро ташкил медиҳад.

Дар нигоҳ доштани сатҳи пасттарини партовҳои зараровар ба атмосфера ба мо дар бисёр маврид истифодаи васеи манбаъҳои барқароршавандаи энергия, бахусус гидроэнергетика, ки яке аз манбаъҳои асосии тавлиди энергияи “сабз” ба ҳисоб меравад, мусоидати ҷиддӣ менамояд.

Дар неругоҳҳои барқи обӣ, ки асоси сектори энергетикии кишварро ташкил медиҳанд, 98 фоизи қувваи барқи мо истеҳсол мешавад. Аз рӯи ин нишондиҳанда Тоҷикистон дар ҷаҳон яке аз ҷойҳои аввалро ишғол мекунад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар асоси маълумотҳои ба даст овардаи муҳаққиқон пешниҳод менамоянд, ки пиряхҳо захираи асосии оби соф ба ҳисоб мераванд. Сарвари давлат изҳор доштанд, ки обшавии босуръати пиряхҳо дар баробари зиёдшавии истеъмоли об, ки бо афзоиши аҳолӣ ва рушди иқтисодӣ вобастагӣ дорад, метавонад ба оқибатҳои бағоят манфӣ оварда расонад. Ин омил ба паст шудани маҳсулоти маҳаллии кишоварзӣ, афзоиш ёфтани норасоии об ва баланд шудани сатҳи миёнаи оби баҳрҳо таъсир расонида метавонад. Аз ин рӯ, моро зарур аст, ки обро мисли гавҳараки чашм эҳтиёт кунем, чунки бе об дар олами ҳастӣ ҳаёт вуҷуд надорад.

**Шарифзода Шариф,**
**мудири кафедраи иқтисодиёт**
**ва идора, номзади илмҳои иқтисодӣ,**
**и.в. дотсент,**
**Меҳрангез Давлатова,**
**муаллими калони ҳамин кафедра**

# ТАЪРИХИ САНОАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН



Таърихи ташаккули саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳамроҳшавии Осиёи Миёна ба Россияи подшоҳӣ (1853-1860) ибтидо мегирад. Замоне дар ҷаҳон ва Россия муносибатҳои сармоядорӣ инкишоф ёфта, шаклҳои нави моликиятдорӣ ба вуҷуд омаданд, заводу фабрикаҳо сохта мешуданд, тоҷикон дар ҳудуди Аморати Бухоро зиндагӣ мекарданд, ки дар он низоми феодалӣ ҳукмрон буд.

Ба роҳ мондани равобити иқтисодии Россия ба Осиёи Миёна сабабҳои муайяни сиёсӣ – иқтисодии худро дошта, академик Бобоҷон Ғафуров дар китоби “Тоҷикон” аз Н.А. Холфин иқтибос меорад, ки сабабҳои асосии ба Осиёи Миёна диққат додани Россияро асосан дар хусусиятҳои иқтисодӣ доштани онҳо арзёбӣ мекард.

Барои Россия сабаби асосии ба худ ҳамроҳ намудани Осиёи Миёна дар ноҳияҳои шимолии Тоҷикистони имрӯза таъсис додани аввалин корхонаҳои саноатӣ буд. Масалан, дар Хуҷанд ва Уротеппа корхонаҳои шароббарорӣ кушода шуданд. Соли 1890 аллакай ду фоизи ин навъи маҳсулоти шаробро дар корхонаҳои уезди Хуҷанд медоданд. Профессор Н. Хоналиев низ таърихи ташаккулёбии саноати Тоҷикистонро ба давраҳои аввали Ҳукумати Шӯравӣ мансуб медонад. Дар ин бора ӯ чунин қайд кардааст:”Аз давраи ташкилшавии Тоҷикистон ҳамчун ҷумҳурии автономӣ то давраи ба даст овардани истиқлолият (1991) хусусиятҳои ташаккул, тараққиёт ва тағйирёбии сохтори соҳавии саноати мамлакат бо заминаҳои муайяни табиӣ, таърихӣ, ичтимоӣ ва нақши ҷумҳурӣ дар тақсимоти ҷамъиятии меҳнат дар собиқ Шӯравӣ алоқаманд буданд.

Марҳилаҳои саноатикунонии Тоҷикистон ба собиқ ИҶШС рост меояд, чунки узви баробарҳуқуқи он буд.

Марҳилаҳои саноатикунонии ИҶШС чунинанд:

1. Солҳои 1928-1932 - се баробар афзун сохтани сармоягузорӣ ба соҳаи саноат, азнавтаҷҳизонӣ ва мусаллаҳсозии техникии фабрикаю заводҳо;

2. Солҳои 1928-1932 - сохтмони объектҳои калони истеҳсолӣ, дар маҷмӯъ бунёди зиёда аз 1,5 ҳазор иншооти бузурги нақлиётӣ ва саноатӣ;

3. Солҳои 1933-1937 – арзи ҳастӣ науданди зиёда аз 4,5 ҳазор корхонаҳои саноатии давлатӣ, базаҳои металлургӣ, нафтӣ, хатҳои нави роҳҳои оҳан ва соҳаҳои нави саноатӣ.

Аз рӯи тадқиқотҳои профессор Н.Хоналиев дар Тоҷикистон солҳои 40-уми асри XX саноати хӯрокворӣ рушд карда, то солҳои 1970 ҳиссаи ин соҳа дар сохтори умумии саноат 53,6-56,5 % - ро ташкил медод.

Дар давраи даҳсолаҳои охири пош хӯрдани собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ Тоҷикистон ба яке аз ҷумҳуриҳои саноатӣ – аграрӣ табдил ёфт.

Соли 1991 шумораи умумии корхонаҳои саноатӣ дар Тоҷикистон ба 2308 адад мерасид.

Ҷанги шаҳрвандӣ (1992-1997) ба фаъолияти саноатии Тоҷикистон нақши манфӣ гузошт. Корхонаҳои саноати Тоҷикистон аз соли 1996 инҷониб аксар аз фаъолият бозмонданд. Соли 1997 истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ нисбат ба соли 1990-ум 32,3% кам шуд.

Баъд аз ба даст овардани ваҳдати миллӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ибтидо аз солҳои 2000-ум ба бунёди саноати миллӣ ва барқарорсозии он шурӯъ намуд. Дар натиҷаи гузаронидани ислоҳоти иқтисодӣ ва амалигардонии чораҳои зарурӣ дар самти рушд ва инкишофи саноати миллӣ, сол аз сол нишондиҳандаҳои иқтисодии саноати Тоҷикистон беҳтар гардид. Солҳои 2010-2015 истеҳсолоти саноатӣ дараҷаи пешинаи худро барқарор намуд, соли 2015 ин нишондиҳанда ба 114,8% нисбат ба соли 1990 афзун гардид.

Ин рақамҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки танҳо баъд аз 31 соли Истиқлолият ва 25 соли ваҳдати миллӣ амалигардонии сиёсати саноатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон дод, ки истеҳсолоти саноатӣ аз дараҷаи солҳои 90-уми асри гузашта 14,8% зиёд шуд , ки ин аз дуруст ба роҳ мондани сиёсати саноатии давлатӣ гувоҳӣ медиҳад.

**Азимҷон ХУШМАТОВ,**
**мудири кафедари технологияи**
**истеҳсоли маводи хӯрока**



# ТАДҚИҚОТҲОИ ИЛМИИ ОЛИМОН ДАР БОРАИ ОБ ВА ХОТИРАИ ОН



Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни мусоҳибаи махсуси худ бо шабакаи телевизионии СММ дар ҳошияи Конфронси Созмони Милали Муттаҳид оид ба Шарҳи фарогири миёнамуҳлати ҳадафҳои Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» масъалаҳои вобаста ба обро мавриди баррасӣ қарор дода, аз ҷумла таъкид доштанд, ки «таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки вазъи захираҳои об дар сайёра, махсусан оби тоза зери таъсири амиқи таҳдидҳои гуногун, аз ҷумла тағйирёбии иқлим, афзоиши аҳолӣ, тамоюли шаҳрнишинӣ ва саноатикунонӣ сол то сол муташанниҷ гардида истодааст».

Дар ҷаҳон ҳамасола даҳҳо конфронсҳо дар бораи об баргузор мешаванд, ки дар онҳо садҳо муҳаққиқони ҳаваскор дар бораи таҷрибаҳои аҷиби худ гузориш медиҳанд. Ин таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки: об моддаҳои дар он ҳалшударо «ба ёд меорад», об ба коркарди магнитӣ дода мешавад, об хосиятҳои физикии худро вобаста ба ранги дастархоне, ки дар он шиша истодааст, тағйир медиҳад. Олимон натиҷаҳои тадқиқотҳоро пешниҳод карданд ва ҳуҷҷатгузорӣ намуданд, ки об дар ҳақиқат хотира дорад.

Илми физика, таълим медиҳад: об сохторҳои дарозумрро ба вуҷуд намеорад. Инсоният аз қадим ба об диққати зиёд медод, зеро маълум буд, ки дар он ҷое, ки об нест, ҳаёт вуҷуд надорад. Оби атрофи мо моддаест, ки хосиятҳои беназир дорад. Ягон модда аз оби одӣ аҷибтар ва пурасрортар дар дунё нест. Хусусиятҳои он ба қонуниятҳои хоси аксари моддаҳои атрофи мо итоат намекунанд, ки ин аз сабаби сохтори беназири молекулаҳои об ба вуҷуд меояд.

Соли 1783 олим, муҳаққиқ С. Лавуазе исбот кард, ки об на унсур, балки пайвасти водород ва оксиген аст, омӯзиши дақиқи обҳои ширин, баҳрӣ ва минералӣ, таносуби таркиби оби дарё, борон, ботлоқ ва зеризаминӣ оғоз ёфтанд.

Солҳои 70-уми асри XX бошад, олимони замони шуравӣ (СССР), Дерягин ва Ҷӯраев ба таҳқиқи об машғул буданд, аммо тадқиқотҳояшон бенатиҷа анҷом ёфта буд.

Доктор Ли Лорензен низ озмоишҳоро бо усулҳои биорезонансӣ гузаронида, кашф карда буд, ки дар сохтори макромолекулаҳои об маълумотҳо нигоҳ дошта мешаванд.

Соли 1999 дар мавзӯи хотираи об рисолаи номзадиро Станислав Зенин ҳимоя кард, ки дар асоси маълумотҳои ҷамъовардаи худ се усули физикию химиявӣ, модели геометрии ташаккули асосии устувори сохтории молекулаҳои обро сохта исбот кард ва сипас тасвири ин сохторро бо ёрии микроскопи контрастӣ-фазавӣ ба даст овард.

С.В. Зенин обро ҳамчун модда дар ҳолати иттилоотӣ-фазавӣ, ки дорои захираи сохтории маълумот барои нигоҳдории маълумотҳо мувофиқ аст, захираи биологии иттилоот донист. Дар ин ҳолат ӯ ду намуди «хотираи» обро ҷудо кард: хотираи якум аввалия ва хотираи дуюм дарозмуддат.

Хотираи аввалияи об пас аз таъсири якдафъаина пайдо мешавад ва тағйироти баръакси сохтори он ва тасвири нави электромагнитӣ дар сатҳи клатратҳо мебошад.

Хотираи дарозмуддати об табдили пурраи сохтори элемент, дар натиҷаи таъсири дарозмуддати иттилоотӣ, яъне, барои ташаккули сохтори муайяни об дар муддати муайяни вақт интиқоли эҳсосоти муайян ба он кифоя аст.

Муаллифи усули флуктатсионии тозакунии об Ф.Р. Черников чунин мешуморад, ки об дар натиҷаи он нигоҳ дошта мешавад, ки дар параметрҳои сохторӣ-динамикии муҳити обӣ (бо фаъолияти хоси биологӣ) маълумот дар бораи таъсири қаблӣ, аз ҷумла таъсири худи равандҳои тозакунии об боқӣ мемонад. Оби тозашуда метавонад оби дорои сатҳи баланди параметрҳои сохторӣ-динамикӣ (намуди оби гудохта) ҳисобида шавад.

Доктор Масару Эмото – муҳаққиқи ҷопонӣ, муаллифи зиёда аз даҳ китоб дар мавзӯи хотираи об буда, тавонистааст, ки роҳи арзёбии сифати обро аз рӯи сохторҳои кристаллӣ ва инчунин роҳи таъсири фаъолро аз берун таҳия кунад. Бо намунаҳои оби яхкардашуда дар зери микроскоп фарқиятҳои аҷиберо дар сохтори кристаллии об пайдо кард, ки сабаби он ифлоскунандаҳои кимиёвӣ ва омилҳои беруна буданд. «Дар мактаб, дар дарсҳои табиатшиносӣ мо мавзӯи обро омӯхтем ва аллакай дар он вақт ман ҳайрон шуда будам, ки об чӣ қадар хосиятҳои аҷибе дошта будааст» қайд кардааст олим. Ӯ бори аввал тавонист илман исбот кунад (ин ба бисёриҳо ғайриимкон менамуд), ки об қодир аст дар худ маълумотро ҷамъ кунад.

Доктор Масару Эмото беҳтарин вариантҳоро меҷӯст, ки бо он метавон кристаллҳоро аз об дар ҳолати моеи аслии худ ба даст орад. Вай дар шароити лабораторӣ бо об озмоишҳои тӯлонӣ гузаронида намунаҳои манбаъҳои гуногуни обро, ки аз гӯшаҳои гуногуни ҷаҳон гирифта шуда буданд, таҳқиқ кард. Ҳар як озмоиш бо мусиқӣ, радиатсия, калимаҳо бо забонҳои гуногун, фикрҳои як шахс ё якчанд нафар, тасвирҳо ва ғайраҳо гузаронида мешуд. Масалан, ба об мусиқии гуногун доданд, сипас зарраҳои хурди обро ях карда, зери микроскоп дида баромаданд. Дар аввал об мусиқии классикиро гӯш мекард барфи геометрии дуруст ба даст оварда шуд. Сипас таҷриба бо мусиқии вазнин такрор карда шуд, аммо натиҷа ба барф монанд набуд. Сипас, ҳамон чизро санҷиданд, аммо аллакай барои суханҳои номатлуб, ки ба магнитофон сабт шуда буданд, клякса (доғҳо) пайдо шуд. Хулоса баровардан мумкин аст, ки дар зери садоҳо он чизе, ки дар инсон эҳсосоти мусбатро ба вуҷуд меорад - об ба шакли комил ба кристалл табдил меёбад.

Доктор М. Эмото кӯшиш мекард калимаеро пайдо кунад, ки обро аз ҳама бештар тоза кунад. Аммо натиҷа тааҷҷубовар буд, ин як чиз нест, балки омезиши ин ду муҳаббат ва миннатдорӣ аст. Об аз маълумоти ҷамъшуда танҳо ҳангоми иваз кардани ҳолати худ тоза карда мешавад, ҳангоми бухор шудан, он аллакай бо борон тоза карда мешавад, пас аз яхкунӣ низ чунин мешавад. Ҳамин тавр, оби обшуда, ки дар баҳор аз зери пиряхҳои кӯҳӣ ҷорӣ мешавад, аз маълумоти ҷамъшуда пурра тоза карда мешавад.

Тамоми инсоният бояд дар бораи он фикр кунад, ки манбаи табиии об чӣ гуна маълумот дорад ва мо барои зебоии табиӣ ва саломатии худ чӣ кор карда метавонем.

Фарзия тасдиқ шуд: об сохторест, ки маълумоти атрофро дарк мекунад ва онро ба организмҳои дигар интиқол медиҳад. Таҷрибаҳои сершумори олимон нишон медиҳанд, ки об метавонад маълумотро дар бораи таъсир дар хотир дошта, нигоҳ дорад ва интиқол низ диҳад. Хотираи иттилоотии об низ ҷолиб аст. Об қобилияти дар хотир доштани моддаҳои дар он ҳалшударо низ дорад. Ин таъсир аз он сабаб ба даст меояд, ки молекулаҳои об дар атрофи молекулаҳои моддаҳои ҳалшуда ба таври муайян ҷойгир мешаванд ва баъдтар ин сохторро нигоҳ медоранд.

Ҳамин тариқ, мо метавонем ба изҳороти Мосару Эмото розӣ шавем ва хулосаҳои зеринро барорем:

1. Об сохторест, ки иттилооти атрофро дарк мекунад ва онро ба организмҳои дигар интиқол медиҳад.

2. Об ба калимаҳо, интонатсия, рӯҳияи шахсе, ки дар наздикии он аст, ба ҳайвонот, наботот ва ҳама гуна корҳо ва ашёҳои дигар вокуниш нишон медиҳад ва инчунин таъсири асбобҳои рӯзгор, аз ҷумла телевизор, печи микромавҷӣ, телефони мобилӣ ва ғайраҳоро эҳсос мекунад.

3. Об на танҳо аз калимаҳои гуфташуда, балки аз калимаҳои навишташуда низ тағйир меёбад. Масалан, вақте ки шишаи обро ба коғаз печонданд, ки дар он коғаз калимаи «ташаккур» чоп шуда буд, пас аз ин ҳодиса дар об кристаллҳои зебо ташаккул ёфтанд.

Об барои инсон аҳамияти фаврӣ дорад. Аввалан, бадани инсон аз 90-70% об иборат аст. Дуюм, ҳар рӯз инсон обро ҳамчун ғизо истеъмол мекунад, аз сохтори ин об вобаста аст, ки дар тамоми узвҳо ва системаҳои инсон равандҳои гуногун ба амал меоянд. Об моддаи маъмултарин, шинос ва дар назари аввал хуб омӯхташуда мебошад, ки моро дар ҳар лаҳзаи ҳаётамон ҳамроҳӣ мекунад. Аммо маълум шуд, ки об асрори зиёдеро дар худ нигоҳ медорад, ки бисёре аз онҳо то ҳол омӯхта нашудаанд. Бисёре аз хосиятҳои физикӣ ва химиявии об хеле ғайриодӣ буда, ҳатто ғайримуқаррарӣ низ мебошанд.

**Р. ҲАСАНОВА,**
**омӯзгори фанни риёзии литсейи инноватсионии "Душанбе"**

# ФИНАНСОВАЯ ГРАМОТНОСТЬ И ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВО

В современных условиях развитие технологий меняет мир в сторону информатизации и открытости, что обуславливает замену традиционных способов мышления и деятельности на умение проявлять инициативу и творчество в новых условиях, критически мыслить, брать ответственность за принятые решения. Эти тенденции ориентируют все сферы экономики к развитию предприимчивости и финансовой грамотности, которые являются важными составляющими формирования экономического мышления и предполагают не только совершенствование деловых качеств, но и накопление знаний, касающихся правовых основ собственности, развития предпринимательской деятельности и т.д.

На сегодня проблема финансовой грамотности населения актуальна не только для государства, но и для коммерческих организаций, учреждений. Прежде всего, это банковские учреждения, которые вместе с экономически и финансово осведомленным клиентом расширяют доступ к финансовым ресурсам; получают возрастание спроса на финансовые продукты; снижение расходов по кредитным рискам. Кроме того, финансово грамотный клиент разумно воспринимает любые изменения в социально-экономической, политической, общественной среде, а потому не выступает генератором нестабильности в случае конъюнктурных изменений.

Наверняка, устав от рутинной работы в найме и вдохновившись примерами успешных предпринимателей из окружения, вы хотя бы раз задумывались о том, чтобы открыть свой бизнес.

Но так ли легко открыть свой бизнес? Знаете ли Вы, какую роль предприниматель выполняет в экономике? Какими навыками должен обладать предприниматель? По каким направлениям, в каких формах и в каком виде можно осуществлять предпринимательскую деятельность?

Предпринимательство — это инициативная деятельность, осуществляемая на свой риск, целью которой является систематическое получение прибыли путём реализации товаров, работ, услуг.

Финансовая грамотность предпринимателей — это обучение, постоянное развитие и наработка новых навыков. Финансовая грамотность на старте бизнеса — это как минимум знание нескольких основ обращения с капиталом.

Успех и стабильное развитие бизнеса зависят от того, есть ли у владельца специализированные знания.

Все страны СНГ и Украина — находятся в "хвосте" мирового рейтинга финансовой грамотности населения. Положение дел в бизнес-сфере не лучше: по разным данным, экономически грамотными можно назвать от 5 до 20% предпринимателей и руководителей. В результате около 95% компаний и стартапов сворачивают деятельность в первый же год существования.

Финансовая грамотность предпринимателя это направление, которое нужно активно развивать. Изучая основы самостоятельно, не жалея средств на качественное образование. Эти знания — инвестиция. Применяя их, предприниматель обеспечит развитие бизнеса, защитит его от сложных периодов и построит действительно успешное собственное дело. А все начинается с элементарного: умения тратить меньше заработанного.

Таким образом, целесообразно формирование программ по повышению уровня финансовой грамотности населения, предпринимателей, эффективность реализации которых требует комплексного подхода, т. е. одновременной ориентации на различные отрасли экономики и сегменты предпринимательского сектора, в частности, представителей малого и среднего бизнеса. Это возможно реализовать путем одновременного осуществления нескольких программ на основании объективности, беспристрастности, обратной связи, единой информационной политики. По нашему мнению, банками могут быть реализованы следующие программы:

1. Образовательные (доведение информации до целевых групп, их обучение): подготовка преподавателей (тренеров) по финансовой грамотности, внедрение спецкурсов, разработка методических материалов, программ повышения квалификации; круглые столы, семинары, тренинги.

2. Административные (координация и мониторинг системы финансового просвещения, ресурсное обеспечение): мониторинг уровня финансовой грамотности, групп риска; создание в банке центра экономической и финансовой грамотности.

3. Информационные (реализуются через средства массовой коммуникации, сеть Internet): тематические финансовые мероприятия, социальная реклама, проведение Дня финансовой грамотности, распространение буклетов и брошюр; формирование интернет ресурсов (сайтов или разделов официального сайта банковского учреждения) по финансовой грамотности; распространение информации через телевизионные программы, газеты, журналы, социальные СМИ.

В связи с этим с 1 по 30 апреля текущего года Национальный Банк Таджикистана совместно с Министерством образования и науки РТ и партнёрскими организациями будет проводить месяц финансовой грамотности в рамках международной кампании GLOBAL MONEY WEEK 2023.

Основной целью данного мероприятия, которое ежегодно проводится на глобальном уровне — заинтересовать население вопросами финансовой грамотности, мотивировать к повышению уровня финансовых знаний, вдохновение детей и молодежи к обращению с деньгами и развитию предпринимательских навыков, так как вовлечение детей и молодежи в финансовую сферу в современных условиях имеет особое значение.

На сегодняшний день менее 1% детей во всем мире пользуются финансовым образованием и вовлечены в финансовую сферу. Проведение международной кампании GLOBAL MONEY WEEK 2023 будет способствовать сосредоточить наибольшее внимание на важности финансовых прав, особенно для детей и молодежи, поскольку благодаря доступу к финансовому образованию дети научатся грамотно распоряжаться деньгами. Ведь молодежь всегда отличали энергия и энтузиазм, креативность, активность в достижении новых целей. Сейчас, когда мир и условия жизни стремительно меняются и все становится более глобальным, молодым принадлежит особая роль в развитии современного общества и повышении благосостояния столицы и Таджикистана в целом.

**Зулфия ТОШМАТОВА**

## 15 МАЙ - РӮЗИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ОИЛА

# ТАҲҚИМИ МАСЪАЛАҲОИ ОИЛАДОРӢ ДАР ЗАМОНИ МУОСИР

**Бо ибтикори Муассисаи давлатии «Маркази худшиносии бонувон» дар шаҳри Душанбе, дар доираи таҷлили Рӯзи оила як қатор чорабиниҳои фарҳангӣ дар муассисаю корхонаҳо ва шаҳраку маҳаллаҳои ҳудуди пойтахт як қатор чорабиниҳои фарҳангӣ бо ҷалби васеи занону ҷавондухтарон баргузор карда шуд.**

Аз ҷумла санаи 12-уми майи соли ҷорӣ дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Конференсияи илмӣ-назариявӣ таҳти унвони «Таҳкими масъалаҳои оиладорӣ дар замони муосир» бо иштироки васеи донишҷӯён ва омӯзгорони ҷавон гузаронида шуд.

Дар чорабинӣ коршиносону мутахассисони ботаҷриба оид ба нақши оила дар замони ҷаҳонишавӣ ва гуфтугӯи тамаддунҳо ва мушкилоти иҷтимоию психологии оилаи муосир ва ба ин васила тарғиби арзишҳои миллӣ маърӯзаҳо ироа намуданд.

Чунончи, муовини директори Муассисаи давлатии «Маркази худшиносии бонувон» дар шаҳри Душанбе Сайрам Каримӣ дар мавзӯи «Оила тарғибгари арзишҳои миллӣ», доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Нафисахон Юнусова дар мавзӯи «Мушкилоти иҷтимоию психологии оилаи муосир», муовини сардори Раёсати фарҳанги Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе Абдурахмонзода Абдувалӣ дар мавзӯи «Нақши оила дар замони ҷаҳонишавӣ ва гуфтугӯи тамаддунҳо» маърӯзаҳои ҷолибу пурмазмун карда, бо мисолҳои мушаххас нақши оилаи солимро дар рушди ҷомеа, бахусус дар даврai ҷаҳонишавӣ ва аҳамияти он дар тарбияи ҷавонон нишон доданд.





Ҳамзамон ҷиҳати баланд бардоштани маърифати оиладории ҷавонон ва ҷиддияти тарбияи фарзандон дар муҳити солим шоиста аз ҷониби ҷавонон низ пешниҳодҳои мушаххас ирсол гардид.

Дар хотимаи конференсия муовини ректор оид ба тарбия Ситора Абдумуминзода аз номи раёсати донишгоҳ ба меҳмонон барои баргузории чунин як ҳамоиши дорои аҳамияти баланди тарбиявидошта изҳори сипос намуд.

**Саодат ТОИРӢ,**
**Шоҳзода НАЗИРА**

## ОФАРИН, ФАРИДА!

Дар даври ҷумҳуриявии озмуни илмӣ- таҳқиқотии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ”Донишҷӯ ва пешрафти илмию техникӣ”, ки ба ифтихори 32-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” эълон намудани солҳои 2020- 2040 гузаронида шуд, донишҷӯи курси 4- уми факултети мухандисӣ — технологии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Мирзозода Фарида сазовори ҷойи якум дониста шуда, бо дипломи дараҷаи як сарфароз гардонида шуд.

Раёсат ва омӯзгорону донишҷӯёни донишгоҳ Фаридаро бо ин муваффақияташ шодбош гуфта, ба ӯ дар таҳсил ва фаъолияти ояндаи илмиаш барору комёбӣ орзу менамоянд.

## ДАВИ МИЛЛӢ



**Дар Дави миллӣ ва пойгаи велосипедронӣ, ки 21-уми майи соли ҷорӣ бахшида ба Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон баргузор шуд, омӯзгорону донишҷӯёни Донишгоҳи технологии Тоҷикистон иштироки фаъолона доштанд.**




## ПАНДИ ПИРИ ХИРАД

Дили худро равшан гиред ва камол диҳед, чун дилро торик гиред, адоват ба миён меояд.

***

Ҷавонмардӣ кунед, зеро баракати умри Шумо дар кадхудоӣ, ҳоҷатбарорӣ ва ҷавонмардӣ зоҳир мегардад.

***

Дар сояи ғафс камтар нишинед, то коҳил нашавед.

***

Ба умед ва орзуҳои нек зиндагӣ ба сар баред, зеро зиндагии бе орзу лаълест, ки ҷило надорад, ё ғизоест, ки аз таъм маҳрум аст.

***

Дӯсти худро фаромӯш накунед, ки Шумо ҳам фаромӯш мешавед.

***

Ҳамеша аз корсозии худ розӣ ва қаноатманд бошед, то кор ба Шумо баракат орад.

***

Бар дили худ ғубори кина ва нифоқро роҳ надиҳед.

***

Худ ва фарзандонатонро ба қаноат, шикастанафсӣ, пос доштани иззати дигарон ва маърифатнокӣ одат кунонед.

***

Бокарам бошед, зеро карам сифати мард аст.

***

Бо одамони босавод, кордида ва дилкаш бишинед.

***

Обрӯ ва шарафро аз хизмати мардум дарёбед.

***

Ба ҳеҷ нодон мунозира накунед, ки аз он ба дилатон ҷароҳат мерасад.

***

Аз сифла ва мумсик чизе напурсед.

***

Ба мардуми беҳунар дӯстӣ накунед, зеро онҳо дӯстию душманиро фарқ намекунанд.

***

Нон диҳед, ки нон додан кори мардон аст.

***

Умрро ғанимат доред, он дер намепояд ва боз намеояд.

## ОЗМУНИ “ТАРРОҲИ ЛИБОСИ БЕҲТАРИН”



**18 — уми майи соли равон дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон марҳилаи аввали озмуни “Тарроҳи либоси беҳтарин” дар байни тарроҳон, моделер — конструкторҳо, дӯзандаҳо ва порагарҳои коргоҳу корхонаҳои дӯзандагии аъзои Иттифоқи рушди бахши хусусии Тоҷикистон ҷамъбаст гардид.**

Тибқи барнома иштирокчиёни озмун моделҳои нави либоси тархрезинамудаи худро барои намоиш ва баҳогузорӣ манзури ҳайати ҳакамони озмун гардониданд. Ҳакамони озмун моделҳои нави либоси тархрезинамудаи иштирокчиёни озмунро аз назар гузаронида, ба кори онҳо баҳои воқеъбинона гузоштанд.



Ҳамзамон дар мизи мудаввар, муколамаи озоди байни соҳибкорон, роҳбарони коргоҳу корхонаҳои дӯзандагӣ, тарроҳон, иштирокчиёни озмун, тарроҳони касбӣ, собиқадори босалоҳият, омӯзгорону хатмкунандагони ихтисосҳои соҳаи дӯзандагии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, намояндагони вазорату идораҳои марбутаи давлатӣ, шарикони рушд дар мавзӯи “Нақши тарроҳ (дизайнер), моделер — конструктор, муҳанлис — технолог, маркетолог дар корхонаи дӯзандагӣ” сурат гирифт.

Дар рафти муколамаи озод, роҳбарони коргоҳу корхонаҳои дӯзандагии аъзои Иттифоқ бо хатмкунандагони ихтисосҳои соҳаи дӯзандагии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон аз наздик шинос шуда, онҳоро барои ҳамкорӣ даъват намуданд.

Раёсат, Кумитаи иттифоқи касаба, ҳайати профессорону омӯзгорон ва донишҷӯёни донишгоҳ ба мудири кафедраи забонҳо Азиза Абдуллоева нисбати даргузашти

**МОДАРАШ**

ҳамдардӣ баён карда, ба ӯ ва пайвандонаш аз даргоҳи илоҳӣ сабри ҷамил хоҳонанд.

Фановар

Рӯзнома бо се забон: тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ чоп мешавад.

САРМУҲАРРИР: Раҷабалӣ ШАРИФОВ

МУАССИС: Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

Ҳайати таҳририя:

Амонзода И.Т., Тошматов М.Н., Ғаффоров А.А., Бобоев Х.Б., Ғаффоров Ф.М., Абдумуминзода С.

Нишонии мо: 734061- ш. Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев 63/3

Рӯзнома ба хотири риояи озодии афкор маводеро низ ба табъ мерасонад, ки хилофи назараш аст. Аз ин рӯ, масъулияти ақидаи муаллифро ба уҳда намегирад.

Рӯзнома 25 октябри соли 2020 таҳти № 224/рз-97 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб гирифта шудааст.

Рӯзнома дар ҶДММ «Мега-принт»-и шаҳри Душанбе чоп шудааст. Адади нашр 1574 нусха